## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Холмуродзода Азизбек Холмурод дар мавзуи «Массаи молекулавӣ ва рафтори гидродинамикии пектин аз манбаъҳои гуногун », барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4 – Химия (1.4.7 – Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Холмуродзода Азизбек Холмурод ба масъалаҳои муҳими химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ бахшида шуда, ба омӯзиши массаи молекулавӣ, тақсимоти массаи молекулавӣ ва хосиятҳои гидродинамикии пектин аз манбаъҳои гуногун равона гардидааст. Дар шароити рушди босуръати саноати хӯроквορӣ, дорусозӣ ва биотехнология омӯзиши полисахаридҳои табиӣ, аз ҷумла пектин, аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дорад.

**Мубрамияти мавзуъ.** Муваффақияти ҳар як кори рисолаи илмӣ бо аҳамияти назариявӣ ва амалии он ва соҳаҳои татбиқи он муайян карда мешавад. Пектин ҳамчун яке аз муҳимтарин полисахаридҳои табиӣ дар таркиби деворҳои ҳуҷайравии рустаниҳо мавҷуд буда, дорои хосиятҳои арзишманди технологӣ ва биологӣ мебошад. Талабот ба пектин дар бозори ҷаҳонӣ сол то сол меафзояд ва доираи истифодаи он дар соҳаҳои гуногуни саноат васеъ мегардад. Дар айни замон омӯзиши хосиятҳои физикӣ-химиявӣ ва параметрҳои молекулавии пектин барои истифодаи мақсадноки он дар истеҳсоли маҳсулоти функсионалӣ, системаҳои интиқоли моддаҳои доруворӣ ва маводи бастабандии биодеградатсияшаванда аҳамияти муҳим дорад.

Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мубрам ва саривақтӣ буда, ба самтҳои афзалиятноки илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 мувофиқ мебошад.

Мақсади асосии кори диссертатсионӣ таҳлили массаи молекулавӣ, тақсимоти массаи молекулавӣ ва хосиятҳои гидродинамикии пектин аз манбаъҳои гуногун, инчунин муайян кардани робитаи онҳо бо хосиятҳои функсионалӣ дар маҳлул мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад муаллиф як қатор вазифаҳои муҳимро пеш гузоштааст, аз ҷумла муайян кардани массаи молекулавии пектин бо истифода аз усулҳои муосири хроматографӣ, таҳлили тақсимоти массаи молекулавӣ, муайян намудани параметрҳои гидродинамикӣ, омӯзиши таъсири омилҳои гуногун ба хусусиятҳои пектин

ва муайян кардани робитаи байни параметрҳои молекулавӣ ва хосиятҳои функсионалии он.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки дар ҷараёни иҷрои таҳқиқот натиҷаҳои нави илмӣ ба даст оварда шудаанд. Аз ҷумла, бори аввал қиматҳои миёнаи массаҳои молекулавии намунаҳои гуногуни пектин муайян гардида, хусусиятҳои тақсимоти онҳо таҳлил карда шудаанд. Ҳамчунин таъсири тарзҳои гуногуни тозакунии пектин ба хусусиятҳои молекулавӣ ва гидродинамикии он муайян гардидааст.

Муаллиф инчунин параметрҳои гидродинамикии пектинро муайян намуда, конформатсияи макромолекулаҳои онро дар маҳлул муайян кардааст. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки вобаста ба манбаи ашёи хом ва тарзи бадастории пектин хусусиятҳои сохторӣ ва функсионалии он тағйир меёбанд.

Яке аз дастовардҳои муҳими таҳқиқот омӯзиши равандҳои таҷзияи макромолекулаҳои пектин дар маҳлул ҳангоми нигоҳдорӣ мебошад. Муаллиф нишон додааст, ки дар натиҷаи ин равандҳо массаи молекулавии пектин метавонад ба таври назаррас коҳиш ёбад, ки ин барои истифодаи амалӣ ва нигоҳдории он аҳамияти муҳим дорад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он дида мешавад, ки бори аввал таҷзияи макромолекулаҳои пектинӣ дар маҳлул ҳангоми нигоҳдорӣ, дар мисоли пектини себ ва биҳӣ омӯхта шудааст; нишон дода шудааст, ки таҷзияи пектин бо як қатор реаксияҳои ҳамрадифи идомаёбанда тавсиф мешавад, ки ин ба пастшавии массаи молекулавӣ қариб ду маротиба дар тӯли 20 соати нигоҳдории маҳлул оварда мерасонад.

Натиҷаҳои бадастомада аҳамияти назаррас дошта, метавонанд дар таҳияи технологияҳои нави коркарди пектин ва истифодаи он дар саноати хӯрокворӣ, дорусозӣ ва биотехнология истифода шаванд.

Автореферати диссертатсия сохтори мантиқӣ дошта, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳо иборат мебошад. Муаллиф дар автореферат натиҷаҳои асосии кори илмиро равшан ва асоснок баён намудааст.

**Арзиши амалӣ ва татбиқи натиҷаҳо**. Натиҷаҳои ҳосилшудаи ин кор маълумоти аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо барои тавсифи сифати пектин ташкил медиҳанд, ки барои татбиқ дар соҳаи саноати хӯрокворӣ ва дорусозӣ заруранд. Қимати массаи молекулавӣ ва параметрҳои гидродинамикии пектин барои мутобиқ кардани вазифаҳои гелҳосилкунанда, ғафскунанда ва устуворкунандаи он дар таркибҳои гуногун ҳатмӣ мебошад. Дар шароити ҷумҳурии мо, ки манбаи асосии ашёи хоми пектин афшураҳои меваҷот (себ,

биҳӣ, анор), маҳсулоти полизӣ (каду, тарбуз ва харбуза) ва дигар партовҳои агросаноати таҳқиқнашуда мебошанд, омӯзиши асосҳои илмии технологияи истеҳсоли пектин ва самтҳои нави татбиқи он барои иваз намудани маҳсулоти воридотӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Мақолаҳои илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмун ва мӯҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Холмуродзода Азизбек Холмурод кори мустақили анҷомёфтаи илмӣ мебошад, ки ба ҳалли масъалаҳои муҳими химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ равона гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи корҳои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Тақризнавис:** Олифтаева Ж.А. - номзади илмҳои химия дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

Имзои Олифтаева Жола Абдулниёзовна-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси ДДХ ба номи М.Назаршоев
Саидраҳмонов Н.С.

«20» 07 соли 2026

**Нишонӣ:**
736000, ш. Хоруғ, хиёбони Ш.Шоҳтемур 109,
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев Тел.: Тел.(992 37) 2-31-93,
E-mail:zhola_oliftaeva@mail.ru Web: www.khogu.tj